Башорат Султонзода



# Пишакча Шодмон бахшиданро ёд мегирад

силсилаи Вафо ва Амина



# Пишакча Шодмон

Пишакча Шодмон кӯдаки оддиест мисли ту, танҳо бо фарқи он ки вай дар олами гурбаҳо зиндагонӣ мекунад.

Ҳар рӯз вай ба моҷароҳои аҷоиб дучор мешавад ва дар бораи онҳо ба ту нақл кардан мехоҳад.

Акнун гӯшатро кушо ва чашмонатро воз кун...



Шодмон аз мактаб ба хонаи худ равона аст.
Баногоҳ Равшан аз пушти ӯро чеғ мезанад:
«Шодмон! Шодмон! Исто!»


Равшан мегӯяд: «Оё ту ба ман китоби математикаро барои ду рӯз дода метавонӣ? Ман онро ҳанӯз нахаридаам, аммо кори хонагиро карданам лозим аст».
«Майлаш», – розӣ мешавад Шодмон ва китобро ба Равшан дароз мекунад.



Пагоҳӣ ҳангоми танаффуси охирин Шодмон бо ҷӯрааш дар саҳни мактаб тӯббозӣ дорад.

Шодмон ба ҳаяҷон омада, тӯбро бо шиддат ба тарафи  бино мепартояд.






Тӯб тирезаи синфхонаро
ҷарангосзанон мешиканад.



Шодмон талхакаф мешавад ва намедонад, ки чӣ кор кунад.



«Айй!» – дод мезанад муаллима. – «Кӣ тӯбро партофт? Наход! Гулҳои ман!»


Муаллима дар долон бо мудири
мактаб вомехӯрад ва оиди
тирезаи шикаста хабар медиҳад.
Шодмон фикр мекунад:
«Эҳтимол дар ин ҷо набошам
нағзтар аст...»




Дарси охирин оромона баргузор мешавад. Шодмон кӯшиш мекунад, ки ба чашмони муаллима нигоҳ накунад.



Ҳангоми занг муаллима назди Шодмон меояд ва фармон медиҳад: «Шодмон, мудири мактаб туро дидан мехоҳад».




«О-о», – оҳ мекашад мудири мактаб, – «Шодмон, муаллима дида буд, ки ту бо тӯб тирезаро шикастӣ». Шодмон сархамона иқрор шуд: «Ҳа, муаллим». «Ман коғазҳоямро варақ зада дидам, ки ин гуна шиша 100 доллар меистад. Ба падарат бигӯ, ки ин маблағро то охири моҳ ба мактаб супорад!»




Шодмон гиря мекунад. Ӯ медонад, ки падараш ҳеҷ гоҳ ин қадар пули калон ёфта наметавонад.



Мудири мактаб Шодмонро аз дурӣ мебинад, наздаш омада мепурсад: «Чӣ шуд?» «Охир, муаллим, – ҳиқ-ҳиқ карда мегӯяд Шодмон, – ман намедонам, ки чӣ кор кунам. Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки шишаро шикастам, лекин падар пули бисёр надорад. Маро бубахшед, муаллим».

«Гӯш кун, Шодмон, ман як фикри хуб дорам. Мо ҳама тирезаҳоро аз пули фонди мактаб душишагӣ карданӣ ҳастем. Ман кӯшиш мекунам, ки синфхонаи шумо якум синфхона бошад, ки мо соз мекунем.



Пули падарат даркор нест. Майлаш?» Шодмон аз ин сухан розӣ мешавад ва хурсандона ба хона меравад.




Як рӯз пас Шодмон
ба мактаб мерасад ва
дар долон Равшанро
мебинад.
Шодмон мепурсад:
«Китобамро овардӣ?»



«Ман натавонистам, – зиқ шуда ҷавоб дод Равшан, – додарам китобатро ба даст гирифту дарронд. Бубахш, ман...»



«Э ту! Ба ман китоби нав мехарӣ! Фаҳмидӣ! Ман намемонам, ки маро мазоҳ кунӣ!» – хафа шуда мегӯяд Шодмон ва гулӯи Равшанро зер мекунад.




Ҳамсинфаш талхакаф шуда, назди мудири мактаб медавад.




Шодмон аз пайдо шудани ногаҳонии мудир ба ваҳм меафтад.



Дар кабинет мудир Шодмонро сарзаниш медиҳад: «Кори ту хуб набуд, Шодмон. Дина ман туро бахшидам ва аз ту барои шишаи шикаста 100 доллар нагирифтам. Наход ки ту ба хотири як китоб дӯстатро ҷанг кунӣ».

«Рост мегӯед, муаллим. Ман хеле шарм медорам, ки чунин бахил будам. Лекин акнун чӣ кор кунам?» – мепурсад Шодмон.





«Медонӣ чӣ? Аз Равшан бахшиш пурс. Ин тавр ҳама чиз ҳал мешавад», – маслиҳат медиҳад мудир.

«Аз ростӣ?» – донистан мехоҳад Шодмон. «Аз ростӣ», – тасдиқ мекунад мудир.



Шодмон ба хонаи Равшан мерасад ва тугмаи зангро пахш мекунад. Равшан дарро мекушояд. Шодмон мегӯяд: «Маро бубахш, ки имрӯз туро хафа кардам. Китоб мисли дӯстии мо муҳим нест-ку.»




«Оё ин маънои онро дорад, ки ту аз ман хафа нестӣ?» – савол медиҳад Шодмон. Равшан механдад: «Не, чизеро, ки буд, аллакай аз хотирам баровардам».


Шодмон
ва Равшан якҷоя кор
карда, китобро боз соз
мекунанд. **Бахшидан
ва бахшиш пурсидан
чӣ кори хуб аст!**

Рӯзе як шогирд аз Исои Масеҳ донистан хост:




– Хоҷаам! Чанд бор бародари худро, ки нисбати ман гуноҳ карда бошад, бахшам? Оё то ҳафт бор?

Исо ба вай гуфт:

– Ба ту намегӯям: “То ҳафт бор”, балки то ҳафтод бор ҳафт. Подшоҳии Осмон монанди подшоҳест, ки мехост бо ғуломони худ ҳисобӣ кунад:

Ҳангоме ба ҳисобӣ намудан сар кард, якеро назди вай оварданд, ки даҳ ҳазор талант аз вай қарз дошт. Чун чизе барои адои қарз надошт, хоҷааш фармуд, ки худаш, занаш, фарзандонаш ва ҳамаи доройяшро фурӯхта, қарзашро адо кунанд.  Ғулом рӯй ба замин ниҳода,
ба вай саҷда бурд ва гуфт:



– Хоҷаам! Ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо мекунам.

Ва хоҷаи он ғулом, раҳмаш омада, вайро озод кард ва қарзашро ба вай бахшид. Лекин чун он ғулом берун рафт, яке аз рафиқони худро ёфт, ки аз ӯ сад динор қарздор буд; вайро сахт дошта ва гулӯяшро фишурда, гуфт:

– Он қарзатро ба ман адо кун.

Он рафиқаш ба пойҳои ӯ афтода ва илтимос намуда, гуфт:

– Ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ба ту адо мекунам.  Аммо ӯ розӣ нашуд, балки рафта, вайро ба зиндон партофт, то даме ки қарзашро адо кунад.

Чун рафиқонаш ин воқеаро диданд, бисёр ғамгин шуданд ва назди хоҷаи худ омада, ҳар он чи рӯй дода буд, ба вай нақл карданд. Он гоҳ хоҷааш ӯро назди худ даъват намуда, гуфт:

– Эй ғуломи бадкор! Тамоми қарзатро ман ба ту бахшидам, чунки ту аз ман илтимос кардӣ;  оё туро низ лозим набуд, ки ба рафиқи худ раҳм кунӣ, чунон ки ман ба ту раҳм кардам?

Ва хоҷааш ба хашм омада, ӯро ба шиканҷакунандагон супурд, то даме ки тамоми қарзашро адо кунад. Ҳамин тавр Падари Осмонии Ман бо шумо низ амал мекунад, агар ҳар яке аз шумо гуноҳҳои бародари худро аз самими дил набахшад.

(аз Инҷили Матто 18:22-35 гирифта шудааст)





**САВОЛҲО**

Шодмон чиро вайрон кард?

Ҷазои шикастани шиша чӣ буд?

Мудири мактаб барои чӣ дигар пули Шодмонро гирифтан нахост?



Равшан чӣ хато кард?

Шодмон барои чӣ гулӯи Равшанро зер кард?



Муаллим барои чӣ гуфт, ки Шодмон нисбати Равшан нодуруст рафтор кард?

Роҳи ҳал чӣ буд?

Оё ту ҳангоми хато кардан бахшиш мепурсӣ?

Оё ту дигаронро мебахшӣ?



**СУПОРИШ**

Чандто муш дар суратҳо меёбӣ?



Чанд бор сумкаи Шодмон тасвир ёфтааст?

Дар синфхона кадом суратҳо овезонанд?

Дар кадом сурат мошини яхмосфурӯшӣ мегузарад?



# Пишакча Шодмон

## Масалҳо барои хурдтаракон:

Моҷароҳои Пишак Шодмон ба кӯдакон ҳақиқатҳои муҳимро ба таври содда меомӯзонанд.
Пишак Шодмон корҳои хубро кардан хоҳад ҳам, хато мекунад ва бояд боз ба роҳи дуруст баргардад.

Силсилаи Вафо ва Амина китобҳоро барои бачагон ва духтарон пешкаш менамояд. Нишони мо кафолат медиҳад, ки нақлҳои мо

- шавқовар ва мувофиқи чашмандози кӯдак мебошанд
- кӯдаконро дар роҳи некаҳлокӣ дастгирӣ менамоянд
- бо забони тоҷикии ҳозира навишта ё гардонда шудаанд
- ҷаҳонбинии кӯдаконро васеътар мегардонанд